ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шодиев Рустамхон Азизуллоевич дар мавзуи «Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

Имтидоди солиёни охир забоншиносии тоҷикӣ дар масири рушду такомул ва навгониҳои мунфарид даст ёфт. Муҳаққиқону олимони мо барои таҳқиқу таъйид намудани қабатҳои забон, ки боиси мустаҳнӣ гаштани фонди илмии забони ноби тоҷикӣ мегардад, пайваста саъю талош доранду баҳоят корҳои шоёни таҳсину қобили таваҷҷуҳ ба қалам кашида шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки забоншиносӣ ба наҳваҳои муталаввин қисмат ёфта, ҳар яке аз он дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқоти ҷудогона маънӣ мегирад. Яке аз бахшҳои нисбатан наву роҳии забоншиносӣ этнолингвистика маҳсуб меёбад, ки забонро аз лиҳози этнос (қавм, халқ) ва иртиботи этносро бо забон дар марҳалаҳои мухталифи таъриху ташаккули он мавриди баҳрабардорӣ қарор медиҳад.

Бояд таъкид намуд, ки тайи солиёни охир эътиноии ҷомеа ба фарҳанги суннатии мардум, ки расму оин, тарзи ҳаёт ва тамаддуни миллатро муҷассам месозад, инъикос ёфтааст. Илова бар ин, барои эҳё намудану руйи коғаз овардани вижагиҳои мухтасси ҳар як қавму миллат, бахусус миллати соҳибтамаддуни тоҷик таҳқиқоти навинро дар соҳаи этнолингвистика муқтазо менамояд. Биноан, мубрамияти мавзуи диссертатсионии Шодиев Р.А. зери унвони «Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ)», ки таълифи он дар ин замина кӯшиши нахустин мебошад, зоҳир мегардад.

Ҳадафи асосии пажуҳиши мазкур аз муайян намудани усулҳои робитаи забону фарҳанг дар муносибати байниҳамдигарӣ, таҳқиқи гӯйишҳои минтақавӣ дар даврахои рушди забонҳои эронӣ аз нуктаи назари таърихӣ ва этнолингвистӣ, муайян намудани робитаи гӯйишҳои минтақавӣ бо забони адабии тоҷикӣ, нишон додани омилҳои забонӣ ва

этнолингвистии вожаҳои хоси гӯйишҳои забони тоҷикӣ, аз назар гузаронидани қолабҳои сохтории вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб робитаи этнолингвистика бо фолклор ва ғайра мебошад. Илова ба ин, ба вуҷуд овардани тасаввуроти умумӣ доир ба мустақилияти забонҳои миллӣ (этникӣ) ва тасвири ҷаҳоне, ки онҳоро муаррифӣ мекунад, бахши дигари мақсади ба қалам овардани кор аст. Аз фишурдаи (автореферат) кор бармеояд, ки муҳаққиқ аз мақосиди дар пеш гузоштаи хеш ком гирифтааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик гӯйишҳои минтақавӣ дар намунаи гӯйишҳои Кӯлоб аз лиҳози этнолингвистӣ мавриди баррасӣ карор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст ҳампайвандии забону фарҳанги тоҷикӣ дар заминаи гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб илман таҳқиқ шудааст. Илова бар ин, дар диссертатсия бори аввал оид ба вазъи забонии минтақаи Кӯлоб дар се давраи таърихии рушди забони тоҷикӣ, дигаргуниҳои таърихии номҳои ҷуғрофии ин минтақа, гурӯҳҳои мавзуӣ ва қолабҳои сохтории вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб таҳқиқ анҷом ёфтааст.

Арзиши назариявии пажуҳиш дар он дида мешавад, ки дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои хоси гӯйишҳои минтақавӣ аз нуқтаи назари этнолингвистӣ муайян шуда, барои рушду нумӯи забоншиносии муосир ва махсусан бахши назариявии он дар робита бо алоқамандии суннатҳои мардумӣ мусоидат менамояд.

Арзиши амалии диссертатсияи фавқуззикр дар он маънӣ мегирад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар таълифи китобҳои илмию дастурҳои таълимӣ, хондани лексияҳо бахшида ба забоншиносӣ, этнолингвистика, вожасозӣ, бахшҳо ва семинарҳои махсуси назарияи забоншиносӣ корбурд намудан айни муддаост.

Диссертатсия аз мукаддима, панҷ боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, мазмун ва муҳтавои пажуҳиш дар ҳаҷми 304 саҳифаи чопи компютерӣ манзур мегардад.

Дар муқаддима зарурату мубрамияти интихоби мавзуъ асоснок карда шуда, таҳлили дарачаи омӯзиши он, навовариҳои илмӣ, асоси методологӣ ва ҳадафу мақосиди таълиф муайян гардида, ҳамчунин аҳаммияти назариву амалии он мушаххас шудаанд. Дар муқаддима инчунин нуктаҳои ҳимояшаванда маълумот оид ба тасвиби кор таҷассум ёфтаанд.

Боби нахустини диссертатсия «Масъалаҳои назарӣ ва амалии этнолингвистика» унвон дошта, аз шаш фасл иборат аст.

Дар **фасли аввали** боби аввал **«Матолиби муқаддамотӣ»** масъалаҳои умумии назарӣ мавриди баррасӣ карор гирифтааст. Дар ин ҷо муҳаккиқ қайд мекунад, ки «Этнолингвистика як равияи забоншиносӣ буда, алоқамандии забонро бо фарҳанг, робита омилҳои забонӣ, этномаданӣ ва этнопсихологӣ дар фаъолият ва таҳаввули забон меомӯзад».

Дар **фасли дуюми** боби мазкур **«Этнолингвистика ва гӯйишҳои забони тоҷикӣ»** роҷеъ ба гӯйишҳои забони тоҷикӣ маълумот меравад. Дар ин ҷо лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба се гурӯҳ лаҳҷаҳои шимол, ҷануб ва марказӣ қисмат шуда, вижагиҳои онҳо мушаххас шудаанд.

Фасли сеюми боби якум **«Вазъи забонӣ ҳамчун объекти этнолингвистика»** унвон гирифта, роҷеь ба масоили намунаҳои гуногуни вазъи забонӣ сухан меравад. Мусаннифи диссертатсия нутқро ба ду шакл – шифоҳӣ ва хаттӣ ҷудо намуда, ба таври муфассал андешаронӣ намудааст.

Дар **фасли чаҳоруми** ҳамин боб **«Этнолингвистика ва ҳимояи забонҳо»** оид ба сиёсати забонӣ ва этнолингвистика пажуҳиш сурат гирифтааст, ки унсурҳои вазифаҳои забони давлатӣ мавриди шарҳу тавзеҳ карор гирифтааст.

Фасли панҷуми боби мазбур **«Этнолингвистика ва регионолект»** ном дошта, дар он роҷеъ ба гӯйишҳои минтақавӣ ибрози андеша шудааст. Унвончӯ қайд дорад, ки регионолект дар забоншиносии муосир мафҳуми нав буда, ҳини тавзеҳи он ба сифати падидаи забонӣ онро аз мафҳуми

гӯйиш бояд фарқ намуд ва дар ин бобат якчанд нуктаҳои мухтасси онро зикр намудааст.

Дар **фасли шашуми** боби якум зери унвони «**Этногенез ва таърихи этникӣ – объекти мухимми этнолингвистика**» мулоҳизаронӣ намуда, диссертант дар бораи пайдоиш ва ташаккули этнос ва таърихи этникии ин ё он минтақа маводи илмии бадардхӯрд матраҳ намудааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Пажуҳиши минтақаи Кӯлоб аз нигоҳи забоншиносии таърихӣ**» номгузорӣ шуда, аз се фасл таркиб ёфтааст.

Дар **фасли якуми** он «**Кӯлоб ва вазъи таърихию забонии он дар давраи бостонии рушди забонҳои эронӣ**» сухан рафта, рушду таърихи забонҳои эронӣ бо санадҳои муътамад мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Ба **фасли дуюми** боби дуюм «**Вазъи таърихӣ, ҷуғрофӣ ва этнолингвистии минтақаи Кӯлоб дар давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ**» унвон дода шуда, муҳаққиқ зикр мекунад, ки забони бохтарӣ ба саволҳои тамоми забонҳои эронии давраи миёна ҷавоб медиҳад.

Фасли сеюми боби мазкур «**Минтақаи Кӯлоб дар давраи нави рушди забонҳои эронӣ**» исмгузорӣ шуда, дар бораи вазъи таърихии минтақа ва гуйишҳои минтақавӣ иттилоот фарохам шудааст. Мусанниф иброз менамояд, ки ҳангоми ҳамлаи арабҳо ба Хатлонзамин оғози рушди забони тоҷикӣ буда, аҳолии ин сарзамин тоҷикзабон ё даризабон будаанд.

Боби сеюми диссертатсия «**Номҳои ҷуғрофии таърихӣ ва барҳе аз масоили забонии минтақаи Кӯлоб**» унвон гирифта, аз шаш фасл таркиб ёфта, дар **фасли якуми** боби сеюм зери унвони «**Матолиби муқаддамотӣ**» масъалаҳои умумии назарӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Фасли дуюми боби сеюм «**Номвожаҳои минтақаи Кӯлоб дар сарчашмаҳои арабӣ**» исм дошта, маводи пажуҳиш аз манобеи арабӣ ахз шудааст.

Дар **фасли дигари** боби мазкур «**Сарчашмаҳои чинӣ ва номҳои таърихии ҷуғрофии Кӯлоб**» номгузорӣ шуда, номвожаҳои минтақа аз маводи сарчашмаҳои чинӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд.

Дар **фасли чоруми** ҳамин боб **«Гунаҳои таърихии номҳои ҷуғрофӣ»** таҳқиқи этимологии топонимҳои ҷуғрофӣ мавриди таҳлили забонӣ карор дода шудаанд.

Фасли панҷуми боби сеюм **«Табдили таърихии номҳои ҷуғрофӣ»** унвон гирифта, масоили таъвизи номвожаҳои (топонимҳо) ҷуғрофии минтақа мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст.

Дар **фасли шашуми** боби фавқуззикр **«Номҳои кунунии ҷуғрофии таърихӣ»** топонимҳои кунунии ҷуғрофӣ дар пояи пажуҳишҳои этнолингвистӣ таҳқиқ гардидааст. Муҳаққиқ тазаккур медиҳад, ки номҳои маҳалле, ки дар минтақаи Кӯлоб ҳифзанд, бархе ба забонҳои эронии маҳаллии ин сарзамин марбут буда, бархе дигар ба забонҳои ғайриэронӣ иртибот мегиранд.

Боби чорум «Таҳқиқи таърихӣ ва забоншиносии вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб» номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат ёфтааст.

Фасли якуми боби мазкур **«Матолиби муқаддамотӣ»** унвон гирифта, дар ин фасл маълумоту иттилооти умумӣ оид ба гӯйишҳои минтақа мучтамаъ шудааст. Диссертант қайд мекунад, ки манбаъ ва сарогози ин ҳама вожаҳои куҳан дар гӯйишҳои Хатлони таърихӣ забони порсии дарӣ маҳсуб меёбад.

Дар **фасли дуюми** боби чорум роҷеъ ба **«Пажуҳиши ҳамзамонии (синхронии) гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб»** ибрози андеша шуда, шохаҳову гурӯҳҳои ин гӯйишҳо имъони назар шудаанд.

Фасли сеюми боби фавқуззикр зери унвони **«Таҳқиқи мавзуӣ ва вожагонии вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб»** оид ба вожаҳои куҳани маҳфуз дар гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб бо истифода аз манобеи хаттӣ, фарҳангномаҳои классикӣ ва ҷалби осори забонҳои ғарбӣ ва шарқии эронии бостон ва миёна ибрози андеша шудааст.

Боби панҷуми диссертатсия **«Таҳлили этнолингвистии фолклори Кӯлоб»** унвон гирифта, аз чор фасл иборат мешавад.

Дар **фасли якуми** боби панҷум **«Матолиби муқаддамотӣ»** масоили умумии таҳқиқи этнолингвистикаи фолклори Кӯлоб мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Фасли дигари ҳамин боб **«Робитаи этнолингвистика бо фолклор»** номгузорӣ шуда, иртиботи этнолингвистикаро бо фолклор муфассалан мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Унвонҷӯ қайд менамояд, ки матнҳои фолклорӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми илми этнолингвистика мансуб ёфта, тавассути он ба бисёр масоили мубрами забоншиносӣ метавон даст ёфт.

Дар **фасли сеюми** боби панҷум зери унвони **«Зарурати таҳқиқи забонии фолклори Кӯлоб»** оид ба хусусиятҳои забонии фолклори Кӯлоб метавон посух пайдо намуд.

Фасли ниҳоии боби панҷум **«Вижагиҳои этнолингвистии фолклори Кӯлоб»** унвон гирифта, фолклори Кӯлоб аз нуктаи назари этнолингвистика таҳқиқ ёфтааст. Дар асно пажуҳишгар зикр менамояд, ки жанрҳои фолклорӣ (чистон, зарбулмасалу мақол, дубайтӣ, суруд, афсона, қисса ва амсоли инҳо), ки аз минтақаи Хатлон сабт шудаанд, барои омӯзиши масоили этнолингвистика маводи муҳим маҳсуб меёбад ва дар оянда мусоидат менамояд, ки оид ба ҳар кадоми ин жанрҳои фолклорӣ бо диди этнолингвистӣ таҳқиқи муфассал ва густурда анҷом дода шавад.

Аз матни фишурдаи кор мукаррар мегардад, ки дар хулосаи кори илмӣ муҳаққиқ мазмуну мухтавои таҳқиқоти диссертатсионии худро ба таври мухтасар ва чакидаҳои илмӣ дар бандҳои махсус натиҷагирӣ намудааст.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаву маводи ба нашр расонидаи диссертант мазмуну мундаричаи диссертатсияро истиғроқ менамояд.

Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назаррас ба назари эътибор гирифтани баъзе нуктаҳое, ки дар зер мудрач мешаванд, барои балеғу сареҳ ёфтани сифати илмию амалии диссертатсия мусоидат хоҳад кард:

1. Дар фишурда ғалатҳои техникӣ низ ба чашм мерасанд [с. 6, 10, 18, 27, 37].

2. Бояд вожаи **фарқият** ба **фарқ** бадал карда шавад (с. 14, 19, 20].

3. Тибқи қоидаи имло шумораҳои тахминӣ бо нимтире навишта мешаванд: сад, саду панҷоҳ бояд ба сад-саду панҷоҳ таъвиз шавад [с. 16] ва ғ.

Нуқтаҳои фавқуззикр арзиши назариву илмӣ ва амалии фишурдаро интиқос намесозанд ва ислоҳи онҳо саҳлу муяссар буда, тасҳеҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад шуд.

Бо ҳамин тартиб диссертатсияи Шодиев Рустамхон Азизуллоевич дар мавзуи «**Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ)**» кори илмии ботафсилу мукаммал ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи
филологияи англисии ДСРТ: П. Ҷамшедов
Тел.:992919002055 Email: pjam07@mail.ru

Имзои профессори кафедраи
филологияи англисии ДСРТ-ро
тасдиқ менамоям.
Сарвари бахши кадрҳо: Раҳимов А.А.